آوازتاجیک
Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

5 ноябри соли 2025
Чоршанбе
№ 89 (15204)
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ТАШАББУСҲО ОИД БА ТАҲКИМИ АДОЛАТИ ИҶТИМОИИ ҶАҲОНӢ ПЕШБАРӢ ГАРДИДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо даъвати Амири Давлати Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ 3–4 ноябр барои иштирок кардан дар Саммити дуюми ҷаҳонӣ оид ба рушди иҷтимоӣ бо сафари корӣ ба ин кишвар омад.***



Сарвари давлати мо 4 ноябр дар Саммити дуюми ҷаҳонӣ оид ба рушди иҷтимоӣ, ки дар шаҳри Доҳа баргузор гардид, иштирок кард.

Дар кори форум Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш, Амири Давлати Қатар Шайх Тамим бин Ҳамад Ол Сонӣ, раиси Ассамблеяи генералии СММ Анналена Censured Бербок, раиси Шўрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ Лок Баҳодур Тхапа, инчунин роҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ иштирок карданд.

Дар оғози суханронии худ Сарвари давлат ба ташкилкунандагони форум барои сатҳи баланди омодагӣ изҳори миннатдорӣ намуда, таъкид кард, ки баргузор гардидани ин саммит, ки минбари муҳими рушди иҷтимоии ҷаҳонӣ мебошад, маҳз дар шаҳри Доҳа аҳамияти бузурги рамзӣ дорад.

Сарвари давлат зикр намуд, ки солҳои охир Қатар ба маркази ҷаҳонии фарогирии иҷтимоӣ ва пешрафти босуръат табдил ёфтааст ва мардуми ин кишварро бо комёбиҳои бадастомада самимона табрик гуфт.

Президент таъкид намуд, ки имрўз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳукуматҳои миллӣ кўшишҳои муштаракро барои таъмини некўаҳволии иҷтимоӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба роҳ мондаанд. Ўзбекистон бошад, дар навбати худ, пайваста ҳамаи шаклҳои ҳамкории байналмилалӣ ва ташаббусҳоро, ки ба рушди устувор равона шудаанд, ҷонибдорӣ мекунад.

Дар солҳои охир дар Ўзбекистони Нав сохтмони густурдаи давлати иҷтимоӣ амалӣ шуда истодааст, ки дар он тамоюли «Ба хотири шаъну шарафи инсон» роҳнамо мебошад, адолати иҷтимоӣ таҳким ёфта, табақаҳои ниёзманд ба таври самаранок ҳифз мешаванд.

– Дар солҳои охир мо тавонистем сатҳи камбизоатиро аз 35 фоиз то 6,6 фоиз коҳиш диҳем. Мо ислоҳотро дар ин самт идома хоҳем дод, – таъкид кард Президент.

Сарвари давлат бо як қатор пешниҳодҳо ва ташаббусҳо, ки ба таҳкими адолати иҷтимоии ҷаҳонӣ ва рушди устувор нигаронида шудаанд, баромад намуд.

Зарурати ба сатҳи нав баровардани ҳамкории байналмилалӣ дар мубориза бо камбизоатӣ таъкид гардид.

– Мо бар онем, ки вақти он расидааст, то меъмории нави молиявии мубориза бо камбизоатӣ таъсис дода шавад, ки метавонад захираҳоро ба барномаҳои иҷтимоии кишварҳои рў ба рушд ҷалб намояд, – изҳор дошт Президент.

Дар ин замина пешниҳод гардид, ки Сандуқи ҷаҳонии адолати иҷтимоӣ таъсис дода шавад, ки он ба коҳиши камбизоатӣ ва паст кардани нобаробарии иҷтимоӣ кумакҳои амалии худро мерасонад.

Сарвари давлат аҳамияти ҷорӣ намудани механизмҳои муосирро барои ҳалли самараноки масъалаҳои шуғли аҳолӣ таъкид кард.

Зикр шуд, ки рушди босуръати технологияҳои баланд ва зеҳни сунъӣ боиси аз байн рафтани миллионҳо ҷойи кор дар саросари ҷаҳон мегардад. Дар чунин шароит ҳамкории фаъоли давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеа барои ҳифзи ҳуқуқи кормандон ва таҳкими принсипҳои шарикии иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Президент изҳори умед намуд, ки ташаббуси таҳияи «Иқдоми ҷаҳонӣ оид ба масъулияти иҷтимоӣ ва меҳнати шоиста» дастгирӣ меёбад.

Таъкид гардид, ки васеъ намудани имкониятҳои таҳсил барои ҳама яке аз роҳҳои самараноки ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ мебошад.

Ба қавли коршиносон, зарари иқтисодии ҷаҳонӣ аз саводнок набудани аҳолӣ ҳар сол ба 1,4 триллион доллари ИМА мерасад.

Ба гуфтаи Президент, ин ҳолат дарёфти ҷойи худро дар ҷомеа ва бозори меҳнат барои ҷавонон мушкил гардонида, нобаробарии иҷтимоиро афзоиш медиҳад.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки Ўзбекистон пурра аз қарорҳои дар Ҷаласаи аввалини Иттиҳоди ҷаҳонӣ оид ба мубориза бо гуруснагӣ ва камбизоатӣ қабулшуда, ки рўзҳои охир баргузор гардид, ҷонибдорӣ мекунад ва пешниҳод намуд, ки яке аз саммитҳоиояндаи ин Иттиҳод дар Ўзбекистон баргузор шавад ва масъалаҳои маориф ҳамчун мавзўи асосии рўзномаи он муайян гарданд.

Ба масъалаи ҳифзи низомноки муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои хонаводаҳои онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

Ўзбекистон омода аст, ки ҳамроҳ бо Созмонҳои байналмилалии меҳнат ва муҳоҷират дар шаҳри Тошканд Форуми байналмилалӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муҳоҷирон ва хонаводаҳои онҳоро баргузор намуда, дар ин самт Барномаи ҷаҳонӣ қабул намояд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҲАМОИШИ ДУЮМИ УМУМИҶАҲОНӢ ОИД БА РУШДИ ИҶТИМОӢ

*Волоҳазрат хонуми муҳтарам Раис!*

*Волоҳазрат ҷаноби муҳтарам Котиби генералӣ!*

*Муҳтарам сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо!*

*Ба дўсти азизам, Аълоҳазрат Амири Қатар Шайх Тамим Ал Сонӣ барои меҳмоннавозии самимӣ ва дар сатҳи баланд ташкил кардани Ҳамоиши умумиҷаҳонӣ миннатдории амиқи худро изҳор менамоям.*

*Мехоҳам ба Аълоҳазрат Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Антониу Гутерриш барои саҳми бузурги шахсиаш дар баргузории ҳамоиши мазкур миннатдории махсус изҳор намоям.*

*Хеле рамзист, ҳамоише, ки соҳати муҳими рушди ҷаҳонии иҷтимоӣ ба шумор меравад, маҳз дар Доҳа баргузор мегардад.*

*Солҳои охир Давлати Қатар маркази ҷаҳонии инклюзивии иҷтимоӣ ва рушди муттасил мегардад. Ман халқи Қатарро бо чунин дастоварди азим самимона муборакбод менамоям.*

*Он чиз боиси эътибор мебошад, ки ҳоли ҳозир ҷомеаи ҷаҳон ва ҳокимиятҳои миллӣ бобати таъмин сохтани некўҳолии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани ҳаёти аҳолӣ муштаракона амал мекунанд.*

*Ўзбекистон тамоми шакл ва ташаббусҳои ҳамкории байналхалқиеро, ки ба рушди устувор нигаронида шудаанд, мунтазам дастгирӣ мекунад.*

Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!

*Солҳои охир дар Ўзбекистони Нав мо ҷамъиятеро бунёд мекунем, ки дар он раванди бартариноки «Барои шаъну шарафи инсон» татбиқ мегардад, адолати иҷтимоӣ, ҳифзи самарабахши аҳолии эҳтиёҷманд таъмин карда мешавад. Дар Сарқонуни навшуда мавқеи қатъии мо дар ин роҳ зикр шудааст, мақоми кишвари мо ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон гардидааст.*

*Барномаҳои қаблан парокандаи ҳифзи иҷтимоӣ дар низоми ягонаи Оҷонсии миллии ҳифзи иҷтимоӣ муттаҳид карда шуданд. Шакли нави ҳифзи иҷтимоӣ ҳама ибтидо аз зинаи поёнии ҷомеа – маҳалла, ҳар кадом хона ва ҳар як оиларо дар бар мегирад.*

*Тўли солҳои охир мо тавонистем сатҳи нодориро аз 35 то ба 6,6 фоиз коҳиш диҳем. Мо ислоҳотро дар самти мазкур идома медиҳем.*

*Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш!*

*Дар шароити ҷараёнҳои мураккаби иҷтимоиву иқтисодӣ, ки дар олам ба вуқўъ меоянд, ман мехоҳам як қатор таклифҳоро пеш гузорам.*

***Якум, бояд ҳамкории байналхалқӣ дар мубориза нисбати нодорӣ ба сатҳи нав бардошта шавад.***

*Бинобар маълумоти Созмони Милали Муттаҳид алҳол 1 миллиарду 100 миллион нафар дар тамоми ҷаҳон дар фақирӣ зисту зиндагӣ доранд.*

*Ба фикри мо, замони созмон додани тарҳи нави молиявии мубориза ба муқобили нодорӣ расидааст, ки захираҳоро ба барномаи иҷтимоии кишварҳои тараққикунанда ҷалб менамояд.*

*Бо ин мақсад, барои расонидани кумаки амалӣ дар коҳиш додани нобаробарии иҷтимоӣ ва мубориза бо нодорӣ мо таклиф мекунем, ки Бунёди ҷаҳонии адолати иҷтимоӣ таъсис дода шавад.*

***Дуюм, ба кор гузоштани механизмҳои нави замонавӣ дар ҳаллу фасли самарабахши масоили шуғл аҳамияти рўзмарра хоҳад дошт.***

*Мувофиқи ҳисоботи Созмони байналмилалии меҳнат соли 2024-ум сатҳи бекорӣ дар ҷаҳон 5 фоизро ташкил дод. Ҳарчи бештар ҷорӣ гардидани технологияҳои олӣ, интеллекти сунъӣ боиси аз байн рафтани миллионҳо ҷойҳои корӣ дар тамоми ҷаҳон мегардад.*

*Дар чунин вазъ ҳукуматҳо ва тиҷорат ҳамчун шарикони иҷтимоӣ бояд ба дастгирии ходимон эътибори бештар диҳанд. Бовар дорам, ки шумо ин пешниҳоди моро дар коркарди Ташаббуси ҷаҳонӣ оид ба масъулияти иҷтимоӣ ва кори мувофиқ дастгирӣ менамоед.*

***Сеюм, аз тариқи вусъат додани имкониятҳои таълим барои ҳама метавон ҳаллу фасли самараноки мушкилоти иҷтимоиро дарёфт.***

*Алҳол зарари ҳарсолаи иқтисодӣ аз бесаводӣ 1,4 триллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Барои насли ҷавон ин ҷиҳат дарёфти ҷойи худро дар ҳаёти иҷтимоӣ ва бозори меҳнат душвор менамояд, боиси қатъиян афзудани нобаробарӣ мегардад.*

*Мо қарори дар мулоқоти аввалини дирўзаи Иттиҳоди ҷаҳонӣ оид ба мубориза ба муқобили гуруснагӣ ва нодорӣ қабулшударо куллан дастгирӣ менамоем. Пешниҳод мекунем, ки яке аз ҳамоишҳои пешистодаи он дар Ўзбекистон гузаронида, масъалаи таълим мавзўи асосии рўзномаи он муайян карда шавад.*

***Чаҳорум, зарурияти ҳифзи мунтазами муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо меафзояд.***

*Ҳоли ҳозир дар тамоми ҷаҳон беш аз 300 миллион муҳоҷирон дар кишварҳои хориҷӣ кор мекунанд. Мутаассифона, ҳодисаҳои вайрон шудани ҳуқуқи онҳо хеле зиёд аст.*

*Пешниҳод мекунам, ки соли оянда дар ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқии меҳнат ва муҳоҷират Анҷумани байналмилалӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқи муҳоҷирон ва оилаи онҳо дар Ўзбекистон гузаронида шавад ва Барномаи ҷаҳонӣ қабул гардад.*

***Панҷум, мо таъсири тағйироти иқлимро ба ҳаёти ҷомеа торафт бештар эҳсос менамоем.***

*Обу ҳавои ғайриодӣ, саҳрошавӣ ва коҳиш ёфтани гуногунрангии биологӣ, пеш аз ҳама, ба ҳаёти гурўҳҳои ночори аҳолӣ, фермерон, коркунони мавсимӣ ва сокинони минтақаҳои вазъи экологиашон мураккаб таъсири нохуш мерасонанд.*

*Қабул намудани чорабиниҳои маҷмўӣ оид ба ҳамоҳангии мубориза бо тағйироти иқлим бо барномаҳои шуғл вазифаи бағоят рўзмарра аст. Вобаста ба ин мо ният дорем модели нави рушди иҷтимоиву иқтисодиро дар минтақаи Наздиарал, ки мувофиқи қарори Созмони Милали Муттаҳид минтақаи инноватсия ва технологияҳои экологӣ эълон шудааст, ба роҳ монем. Мо омода ҳастем дар самти мазкур бо ҷомеаи байналхалқӣ мубодилаи таҷриба кунем.*

*Муҳтарам сарони ҳайатҳо!*

*Қарорҳое, ки мо имрўз қабул мекунем, бидуни шубҳа, ба миллионҳо нафар одамони тамоми ҷаҳон эътимод ва умед мебахшанд, дар таъминсозии эътидол ва фарвонҳолӣ саҳми бузург мегузоранд.*

*Вазифаи асосии мо барқарор намудани ҳамдилии ҷамъиятӣ дар роҳи рушди байналхалқӣ, созмон додани сатҳи сазовори ҳаёт барои ҳар кадом инсон аст.*

*Аз ин нуқтаи назар Изҳороти сиёсии Доҳаро, ки имрўз қабул карда мешавад, куллан дастгирӣ менамоем. Тайёрем равандҳои дар он зикршударо пурра ба ҳаёт татбиқ созем. Бешубҳа, ин Изҳороти таърихӣ саъю кўшишҳои муштараки моро бобати муваффақ шудан ба ҳадафҳои рушди устувор мустаҳкам мекунад.*

*Дар анҷом ба ҳамаи шумо дар кори пурмаҳсули Ҳамоиши умумиҷаҳонӣ комёбиҳо орзу мекунам.*

***Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон***

# ДАР БОРАИ ТАЪСИС ДОДАНИ ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «КЕЛАЖАК МЕРОСИ»

Таҳкими пояҳои маънавию маърифатии Ўзбекистони Нав, ки бо заҳмати содиқонаи халқи мо бунёд мегардад, боло бурдани обрў ва эътибори байналмилалии кишварамон дар ин самт, тарғиби фаъолонаи намунаҳои мероси ғании таърихии мо, сарватҳои фарҳангӣ, дастовардҳои илмӣ ва ғояҳои инноватсионӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла, илмӣ, адабӣ-бадеӣ ва тасвирӣ, ҳамчунин талош ва ҳаракатҳои амалӣ ҷиҳати табдил додани онҳо ба воситаи таъсирбахше, ки на танҳо ба имрўз, балки ба рушди фардои кишвар хидмат мекунанд, торафт аҳамияти бештар касб менамояд.

Бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии эҷодкорону зиёиёни маҳаллӣ ва хориҷие, ки чунин равандҳои фарогиру густурдаро бо орзуву ормонҳои тамоми халқҳои рўи Замин, аз ҷумла, мардуми Ўзбекистон вобаста намуда, дар соҳаҳои адабиёт, фарҳанг, санъат, илму фан, таълим ва технологияҳои рақамӣ ба дастовардҳои назаррас ноил мешаванд, инчунин, ба рушди арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, пешрафти ҷаҳонии фарҳангӣ саҳми муносиб мегузоранд, **қарор мекунам:**

**1. Ҷоизаи байналмилалии «Келажак мероси»** («Мероси оянда») (минбаъд — Ҷоизаи байналмилалӣ) таъсис дода шавад.

**2.** Озмунҳо барои Ҷоизаи байналмилалӣ аз соли 2025 сар карда, ҳар сол дар самтҳои зерин гузаронида шаванд:

**а) адабиёт;**

**б) мероси фарҳангӣ;**

**в) театр ва кино;**

**г) мусиқӣ ва рақс;**

**д) санъати тасвирӣ ва амалӣ;**

**ж) мўд ва дизайн;**

**з) илму фан, таълим ва технологияҳои рақамӣ.**

**3.** Муайян карда шавад, ки:

**а)** ғолибони ҳар як самти Ҷоизаи байналмилалӣ бо **ҳайкалча** (статуэтка), **диплом** ва мукофоти якдафъаина ба маблағи **10 ҳазор доллари амрикоӣ** сарфароз гарданд;

**б)** Ҷоизаи байналмилалӣ ба ғолибон ба таври тантанавӣ супорида мешавад.

**4. Шўрои** Ҷоизаи байналмилалии «Келажак мероси» («Мероси оянда») таъсис ёфта, таркиб ва вазифаҳои асосии он мувофиқи замимаҳои 1 ва 2 тасдиқ гарданд. Вазорати фарҳанг ҳайати кории Шўро муайян карда шавад.

**5.** Девони Вазирон дар мӯҳлати як ҳафта Низом дар бораи Ҷоизаи байналмилалии «Келажак мероси» («Мероси оянда»)-ро тасдиқ намояд.

**6.** Вазорати корҳои хориҷӣ ҷиҳати тарғибу ташвиқи васеи Ҷоизаи байналмилалӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ ва даъват намудани иштирокдорони хориҷии ғолиб ба Ўзбекистон кумак намояд, инчунин, раводиди вурудро ба онҳо ва дар ҳолатҳои зарурӣ дар фурудгоҳҳои байналмилалии «Тошканд» ва «Самарқанд» таъмин созад.

**7.** Вазорати фарҳанг якҷо бо Маркази омодасозии контент барои васоити ахбори омма, Агентии миллии ахбори Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон, Иттиҳоди миллии медиаи Ўзбекистон, Оҷонсии иттилоотии «Дунё» ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ инъикос намудани Ҷоизаи байналмилалӣ, аҳамияти он ва корҳоеро, ки дар доираи қарор амалӣ мешаванд, ташкил кунанд.

**8.** Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти марбут ба ташкил ва гузаронидани озмуни Ҷоизаи байналмилалӣ дар соли 2025 аз ҳисоби Фонди захираи Девони Вазирон маблағгузорӣ мешавад, аз соли 2026 сар карда, дар параметрҳои буҷети давлатӣ пешбинӣ мегардад.

**9.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А.Н. Арипов вогузор карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*3 ноябри соли 2025.*

# ҶАМЪИЯТИ «ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ» БА НИЁЗМАНДОН ХИДМАТ МЕКУНАД

***Ҷамъияти «Ҳифзи иҷтимоӣ»-и вилояти Намангон соли 2017 бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пиронсолон, маъюбон, пиронсолони танҳо, кӯдакони маъюб, ятимон, оилаҳои камдаромад ва аъзоёни онҳо ташкил шудааст.***

Ҷамъият барои дастгирии иҷтимоӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, рушди ҷисмонӣ ва маънавии онҳо, аз ҷумла, курсҳои омӯзишӣ оид ба ҳунарҳои миллӣ, соҳибкорӣ ва самтҳои гуногуни касбҳо, намудҳои варзиш ва махфилҳои хониш ва қонеъ кардани дигар ниёзҳои моддӣ ва ғайримоддии эҳтиёҷмандон хидмат мекунад.

– Бо дастгирии молиявии Фонди ҷамъияти дастгирии созмонҳои ғайридавлатӣ ва ғайритиҷоратӣ якчанд лоиҳаҳо татбиқ гардиданд, – мегӯяд раиси ҷамъият Моҳира Муъминова. – Бино ба лоиҳаи «Ҳамаи мо барои барқарор кардани арзишҳои истифодаи оқилонаи об масъулем» дар маҳаллаи Баҳористони ноҳияи Косонсой корҳои муфид ба амал бароварда шуд. Дар хонаводаи 30 оилаи камдаромад ҷиҳозҳои обёрикунӣ насб карда, хандакҳои дохилии 410 метра бо ҷӯйҳои бетонӣ пӯшонида шуд. Дар ин ҳудуд бо маблағи ҷамъият дар асоси лоиҳаи «Макони сабз» дарахтони мевадиҳанда ва манзаранок шинонданд. То ҳол ба шаҳрвандони ниёзманд ва модарони танҳо ба шакли пули нақд ё инки маҳсулотҳои хӯроквори, либосҳои мавсимӣ, ашёҳои рӯзғор кумаки моддӣ мерасонем.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**



*Дар маҷмааи «Баҳори Бойсун»-и ноҳияи Бойсун ҷашнвораи байналхалқии гастрономии «Сурхони болаззат» баргузор гардид.*

*Ҷашнвораи мазкур ба мақсади намоиши имкониятҳои бойи гастрономии воҳаи Сурхон, таблиғи васеи анъанаҳои миллии таомпазӣ ва афзоиши ҷараёни сайёҳон ба минтақа ташкил карда шудааст.*

*Барномаи ҷашнвора пурмазмун ва рангоранг буда, намоиши таомҳои миллӣ, маҳсулоти ҳунармандиву савғотиҳо, чорабиниҳои анъанавии ҷашнии сайри ангур, себ, анор, мусобиқа ва бозиҳои миллӣ ба иштирокчиён ва меҳмонони чорабинӣ таассуроти амиқ гузошт.*

*Галаконсерти ҳунармандоне, ки аз пойтахти кишвар ва Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд, ба иштирокчиён кайфияти хуш бахшид.*

***Ҳокимияти вилояти Сурхондарё.***

*10 ноябр – рӯзи таваллуди устод Ҷонибек Қувноқ*

# ...ҶОНИ ОДАМ БУД

*Сад дареғо, монд аз задан ногоҳ,*
*Он диле, ки қурбони одам буд.*
*Рафт агар аз чашм, монд дар дилҳо,*
*Ҷонибеке, ки ҷони одам буд...*

**Муҳаммади Шодӣ.**

Гӯё дирӯз буд. Ҷонибек дар ҳалқаи дӯстонаш, ҳамкасбонаш – аҳли адаби тоҷик нишаста, шеър мехонду фараҳманд буд, ки ӯро бори дигар суҳбати дӯстонаш насиб гаштааст. Шукр мегуфт, ки чунин устодони мушфиқу дӯстони меҳрубон дорад. Гаҳи шодиву тараб зери навои сурудҳои тоҷикӣ «дастафшону покӯбон мерақсид», гоҳи танҳоиву маҳзунӣ ба Хоҷа Ҳофизу Шайх Саъдӣ, Бедилу Соиб рӯ меовард.

Ӯ на танҳо ашъори саропо панд, тараннуми дӯстию бародарӣ, меҳр ба зиндагӣ, балки дар дили дӯстон меҳре бузург гузошт, ки тасвири он бо сухан мушкил аст. Одамон ёди некашро дар дил доранд, ҳар гоҳе варо ба хотир оваранд, сар меҷунбонанду афсӯс мехӯранд: «Гӯё дирӯз буд».

Нахустин шеъри ӯ солҳои донишҷӯйиаш дар факултети таъриху филологияи Донишгоҳи омӯзгории Ленинобод (Хуҷанди имрӯза) дар рӯзномаи «Ҳақиқати Ленинобод» чоп гардида буд. Барои Ҷонибек пешаи шоирӣ на ҳавову ҳавас, балки қисмат ва сарнавишт буд. Тамоми навиштаҳои ӯ дар маҷмӯаҳои «Қарз», «Арзи дил», «Ифтихор», «Розҳо», «Зангӯла» ба тоҷикӣ, «Юрак тўлқинлари» ба ӯзбекӣ аз чоп баромад. Дар нашриётҳои Тоҷикистон ду китоби нав шомили ашъори баргузидаи Ҷонибек Қувноқ зери таҳрири устодони сухан Саидалӣ Маъмур ва Лоиқ Шералӣ («Саховат», Душанбе, нашриёти «Адиб», соли 1998) ва Гурез Сафар («Чароғи сухан», Душанбе, нашриёти «Адиб», соли 2010) ба табъ расидааст.

Баргузидаи ашъори бо забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ тайи солҳои гуногун интишорнамудааш чор-панҷ сол муқаддам бо ибтикори шогирдону дӯстонаш дар шакли китоби алоҳида бо номи «Ширу шакар» ба табъ расидааст.

Бино ба андешаи Ҷонибек, кас дар ҷодаи шоирӣ бояд табъи равону дили ғамхор дошта, шарики дарду ғами мардум бошад. Аз ин рӯ, аз ҳар сатри шеъри ӯ бӯйи ҷигари сӯхта ва қалби кабоб меояд:

*Сухан гуфтам гаҳ аз неку гаҳ аз бад,*
*Гузаштам гоҳ аз садду гаҳ аз ҳад.*
*Суханҳои ман аз зангӯлаи дил –*
*Садои адлу инсофу муҳаббат.*

Ҷонибек деҳқонзодаву фарзанди кӯҳистон буд ва овони хурдсолӣ мушкилоти шебу фарозро дарк карда буд. Гоҳо барои аз ғаму андӯҳи гарон гурехтан хаёлан орзуҳои бачагӣ мекард. Бачагиву деҳа дарди ӯро даво мебахшид.

Васфи манзараҳои дилфиребӣ зодгоҳаш – Фориш, сафои чашмаву рӯди кӯҳӣ ҳама вақт вирди забони ӯ буд:

*Ман – Форишӣ, дар мағзи кӯҳ,*
*Кӯю дари аҷдоди ман.*
*Аз чашмаву кӯҳи баланд,*
*Чор унсури бунёди ман...*

Охирин кори шоёни шоири шодравон Ҷонибек Қувноқ ба тоҷикӣ баргардонидани достони безаволи Мир Алишери Навоӣ «Лайлӣ ва Маҷнун» буд. Як пораи он дар моҳвораи «Садои Шарқ», баъди фавташ, чоп шуд (1991, рақами 1).

Дӯст ва бародари Ҷонибек Қувноқ, адиби Тоҷикистон Давлати Даврон дар китоби хотироти худ чунин навиштааст: «Ҷонибек ҷавон рафта бошад ҳам, дар дилу дида ва хаёли хешу ақрабо, дӯстону ҳамкасбон бо ҳамон ҷавонию зебоӣ зиндагии хешро идома медиҳад...».

Ёдномаи хешро бо порае аз шеъри «Ба ёди устод Ҷонибек»-и Абдулло Субҳон ба поён мерасонам:

*...Рафтию монд зи ту ҳасратҳо,*
*Рафтию монд зи ту осоре.*
*Кош, борат расидӣ то манзил,*
*Зинда, эй кош, бидидам боре...*

**Собир ЭРГАШЕВ,**
**омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориш.**

# ТАЪЛИМИ ИНФИРОДӢ: АФЗАЛИЯТ ВА МУШКИЛОТ

***Имрӯзҳо дар кишвари соҳибихтиёри мо баробари тараққиёти босуръати техникӣ, соҳаҳои дигар низ дуруст ба роҳ монда шудаанд, ки боиси шодмонӣ аст. Танҳо дар соҳаи таълим ҳама гуна ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ба он нигаронида шудаанд, ки имрӯзи зебо ва ояндаи дурахшон бояд дар саросари кишвар таъмин гардад. Дар ҳамин замина, имрӯзҳо тавассути оинаи нилгун ва матбуоти даврӣ гуфта мешавад, ки дар соҳаи таълим навгониҳои зиёд зуҳур мекунанд ва ин ҳама барои босаводу маърифатнок кардани хонандагон, умуман аҳли ҷомеа нигаронида шудаанд.***

Солҳои охир, дар барномаҳои муассисоти таълими олӣ ғайр аз кашф шудани усулҳои нави таълимӣ, методҳои навин, самтҳои тозаи таълимӣ ҷорӣ карда мешаванд. Яке аз ин гуна самтҳо – таълими инфиродӣ (индивидуалӣ) мебошад, ки аз самтҳои муҳими низоми муосири таълим ба шумор меравад. Дар шароити имрӯза, ки ҷаҳон ба тарафи рушди технология, инноватсия ва озодандешӣ ҳаракат дорад, муносибати якхела ба хонандагон дигар натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Ҳар як шахс қобилият, шавқ, таҷриба ва сатҳи дарку фаҳмиши хоси худро дорад. Аз ин рӯ, таълими индивидуалӣ ба омӯзиш ва тарбия дар асоси хислатҳои шахсӣ ва имкониятҳои инфиродии хонандагон равона карда мешавад.

Пеш аз он ки дар бораи мафҳум ва моҳияти таълими инфиродӣ маълумот пайдо намоем, зарур аст, ки аввал худи таълими индувидуалиро хуб сарфаҳм равем. Калимаи «индивидуалӣ» аз вожаи лотинии «individualis» гирифта шуда, маънояш «шахсӣ, ҷудогона, фардӣ» мебошад.

Таълими индивидуалӣ — ин низоми таълимиест, ки дар он тамоми равандҳои омӯзиш, тарбия ва рушди хонанда ё донишҷӯ бо назардошти хусусиятҳои шахсӣ, қобилият, шавқу завқ, суръати дарк ва сатҳи дониш ба роҳ монда мешаванд. Ба ибораи дигар, таълими индивидуалӣ чунин усули таълим мебошад, ки ба хусусиятҳои равонӣ ва зеҳнии ҳар як шахс такя карда, имкони пешрафти шахсӣ ва мустақилонаи донишҷӯёнро таъмин менамояд. Гузашта аз ин, масъулият ва фаъолияти мустақилонаи хонандаро зиёд мекунад.

Пойдевори асосҳои назариявии таълими индивидуалиро дар таълим олимон ва педагогҳои маъруф гузоштаанд. Аз ҷумла Я.А. Коменский дар нигоштаҳои худ пешниҳод менамояд, ки таълим бояд «ба табиати хонанда мувофиқ» бошад. Яъне, донишҷӯ минбаъд худ ҳуқуқи интихоби ягон соҳаро дорад. Вай аз рӯйи завқу шавқ ва иштиёқи табииву ботинии худ ягон соҳаи таълимиро пеш мегирад.

Дар ҳамин замина педагоги машҳур К.Д. Ушинский зарурати ба эътибор гирифтани хусусиятҳои равонӣ ва зеҳнии кӯдакро таъкид мекунад. Вай ба ҳамин маънӣ иброз медорад, ки таълими табиӣ, яъне омӯзиши илме, ки аз рӯйи завқу шавқ ба роҳ монда шудааст, албатта самараи нек медиҳад.

Ҳаминро ҳам бояд гуфт, ки педагоги машҳури рус Л.С. Виготский мафҳуми «минтақаи рушди наздик» (зона ближайшего развития)-ро пешниҳод намуд, ки асоси педагогикаи фардӣ маҳсуб мешавад.

Ин гуна ғояҳои пешниҳодкардаи олимони соҳа боис гардид, ки имрӯзҳо ба масъалаи таълими инфиродӣ ҳусни таваҷҷуҳ афзояд.

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани таълими индивидуалӣ бояд ҳадаф ва вазифаҳои он низ дурусту бехато интихоб шаванд. Таъмини рушди ҳамаҷонибаи шахсият бо назардошти имконият ва қобилияти инфиродӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи малакаҳои худомӯзӣ ба роҳ монда мешавад. Аз ин ҷост, ки ин намуди таълим вазифаҳои зиёд, аз ҷумла омӯхтани хусусиятҳои равонӣ ва зеҳнии ҳар як хонанда, танзими суръат ва мундариҷаи таълим мутобиқи қобилият, фаъол гардондани донишҷӯён дар равандҳои худомӯзӣ ва эҷодӣ, дастгирии хонандагони қобилиятнок ва онҳоеро, ки ба кумак ниёз доранд, ба вуҷуд овардани муҳити мусоиди таълимӣ барои ҳамагонро дар назар медорад.

Бояд қайд намуд, ки таълими фардӣ дар шаклҳои зерин амалӣ хоҳад шуд:

**1. Таълими инфиродӣ (як ба як).** Омӯзгор бо як хонанда ба таври алоҳида кор мекунад. Масалан, дарсҳои иловагӣ, машқҳои хонагӣ, тайёрӣ ба олимпиада.

**2. Таълими дифференсиалӣ** (гу-рӯҳӣ). Хонандагон мувофиқи қобилият, шавқ ва сатҳи дониш ба гурӯҳҳо тақсим мешаванд, вале ҳар як гурӯҳ барномаи мутобикро барои худ доранд.

**3. Таълими фардӣ дар синфҳои умумӣ.** Ин шакли таълими инфиродӣ аз дарсҳои умумӣ, вале бо супоришҳои гуногун – ба як нафар осонтар, ба дигаре мураккабтар иборат мебошад. Аммо дар ин гуна ҳолатҳо омӯзгор барномаи ягона дорад, вале роҳҳои иҷро ва арзёбиро мутобиқ месозад.

**4. Таълими онлайн ва фосилавӣ** (индивидуалӣ бо технология). Бо истифода аз платформаҳои рақамӣ (масалан, Coursera, ZiyoNET, Khan Academy) ҳар як донишҷӯ дар вақти барои худ мувофиқ метавонад бо суръати дилхоҳ маводи таълимиро омӯзад.

Худ аз худ саволе ба миён меояд, ки ин намуди таълим чӣ афзалият дорад? Дар таълими инфиродӣ агар омӯзгор шахсияти ҳар як хонандаро мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳад, дар онҳо рушди фикри мустақил ва эҷодӣ, ангезаи баланди омӯзишӣ пайдо мешавад ва ин барои дастгирии донишомӯзони дорои қобилияти махсус, баланд шудани сифати таълим ва натиҷагирии шахсӣ мусоидат менамояд.

Дар ин замина, дар ин намуди таълим баробари афзалиятҳо, мушкилиҳо ҳам вуҷуд доранд. Яъне омӯзгор дар вақти таълими индивидуалӣ бояд дар ёд дошта бошад, ки он вақт ва захираҳои зиёд талаб мекунад, ниёз ба омӯзгорони дорои маҳорати баланд дорад, дар мактабҳои серхонанда татбиқи он душвор мегардад, маводи таълимӣ бояд гуногун ва рангоранг бошад, зарурати истифодаи технологияҳои муосирро барои идоракунии раванд талаб мекунад.

Бояд гуфт, ки роҳҳои татбиқи муассири таълими индивидуалӣ аз таҳияи нақшаи инфиродии таълим (Individual Learning Plan) барои ҳар хонанда, истифодаи тестҳо ва ташхисҳои психологӣ барои муайян кардани қобилияти онҳо, татбиқи технологияҳои иттилоотӣ барои пайгирии пешрафти ҳар шахс, мусоидат ба худомӯзӣ ва худбаҳодиҳӣ, омӯзиши омӯзгорон дар самти методикаи таълими фардӣ, ҳамкорӣ бо волидон ва мутахассисони равоншинос иборат мебошад.

Таълими индивидуалӣ дар сиёсати таълимии Ӯзбекистон тибқи «Стратегияи миллии рушди таълим ва илм дар Ӯзбекистон то соли 2030» яке аз самтҳои маҳакӣ ва калидӣ ба шумор меравад. Ҳадаф аз он таҳкими имкониятҳои шахсӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии насли ҷавон мебошад. Бинобар ин, бо ин мақсад дар мактабҳо барномаҳои махсус барои хонандагони боистеъдод ва инчунин дастгирии шахсоне, ки ба кумаки иловагӣ ниёз доранд, амалӣ мегардад.

Таълими индивидуалӣ роҳи самарабахши баланд бардоштани сифати таълим ва рушди шахсият мебошад. Он имкон медиҳад, ки ҳар як донишҷӯ мутобиқи қобилияти табиии худ рушд намояд. Омӯзгор дар ин раванд на танҳо манбаи дониш, балки роҳнамо, мушовир ва ҳамсафари илмии хонанда мешавад.

Дар ин замина метавон гуфт, ки ҳар як шахс ҷаҳонеро дар худ дорад ва роҳи кушодани ҳамин ҷаҳонро маҳз омӯзгор бояд дарёбад.

**Адҳам БОЙМУРОДОВ,**
**дотсенти кафедраи технологияҳои ахбор ва зеҳни сунъии ДДОЧ.**

# ТАБИАТРО ДӮСТ ДОРЕМ

Табиат сарчашмаи ҳаёт ва зебоии олам аст. Он ба инсон об, ҳаво, ғизо ва оромӣ мебахшад. Аммо солҳои охир бар асари муносибати нодурусти инсон муҳити зист рӯ ба харобӣ овардааст: буридани дарахтон, ифлосшавии ҳаво ва об, кам шудани ҳайвонот ва гулу гиёҳҳо — ҳамаи ин боиси харобшавии муҳити зист мегардад.

Экология илмест, ки муносибати байни инсон ва муҳити атрофро меомӯзад. Он талқин менамояд, ки табиатро дӯст дорем, онро аз зарар ҳифз кунем ва бо он ҳамзистӣ намоем. Ҳар як шахс метавонад дар ин кор саҳм гузорад: дарахт шинонад, партовҳоро ба ҷойи махсус андозад, об ва нерӯро сарфа кунад, ҳайвонот ва набототро муҳофизат намояд...

Ҳифзи табиат — ҳифзи ҳаёти мост. Агар мо имрӯз табиатро ҳифз накунем, фардо худ аз олуда шудани он зарар мебинем. Пас, биёед, табиатро дӯст дорем, онро пок нигоҳ дорем ва роҳи фарох ба ояндаи сабз бунёд намоем.

**Марҷона ТОШМИРЗОЕВА,**
**донишҷӯи соли аввали Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

# ҲУНАРМАНДЕ, КИ АЗ ЧӮБ ЗЕБОӢ МЕОФАРАД

***Вақте бори аввал барои суҳбат бо соҳибкор Анварҷон Амонов ба коргоҳи ӯ рафтам, ҳамроҳи ҳамсараш Умеда дар компутер нақшаи кору вазифаҳои ояндаро таҳия мекарданд. Аз ин рӯ, натавонистам бо Анварҷон суҳбат кунам. Рӯзи дигар боз бо ҳамин мақсад ба коргоҳ рафтам. Ин бор низ соҳибкор саргарми кор буд. Нахостам дубора қафо гардам ва ба ҳамин хотир чун мизоҷ дар навбат истодам. Ӯ чанд дона тахтаи «ДСП»-ро бо андозаи якхела бурид ва бо дастгоҳи дигар онҳоро барои насби ҳалқа сӯрох карду ба фармоишгаре супурд. Вақте навбатам расид, мақсади худро гуфтам ва тавонистам ба чанд саволи худ ҷавоб гирам.***



Анварҷон зимни суҳбат нақл кард, ки пас аз хатми синфи IX бо мақсади такмили дониш ва ҷомаи амал пӯшонидани орзуи корманди ҳарбӣ шудан, ҳуҷҷатҳои худро ба литсейи ҳарбии шаҳри Фарғона супурд. Лекин бо сабаби бемории чурра (грижа)-и сутунмӯҳра натавонист таҳсилро дар литсей ба анҷом расонад. Пас аз якуним соли таҳсил ба зодгоҳ баргашт. Аз байн чанде гузашта, ӯро ҷарроҳӣ кардаанд ва сиҳатии худро мустаҳкам намудааст.

– Вақте дар синфи VI мехондам, дар назди устои чӯбкор Холмирзо Мусоев асрори ин ҳунар – ороиши ашёи чӯбин ва истифодаи онҳоро омӯхта будам, – иброз дошт А.Амонов. – Баъди комилан сиҳат гардидан, мустақилона кори устоиро сар кардам. Бо таҷҳизоте, ки дар даст доштам, хонаҳоро пардозу оро медодам. Дар назди устоёни чӯбкор Самеъҷон, Тӯхтамурод ва Музаффар низ маҳорату таҷрибаи худро такмил додам.

Анварҷон дар оғоз барои мардуми деҳа шифтҳои нақшин ва мебели девории ҷевоншакл бунёд кард. Дар ибтидо баъзе корҳои мушкилро бо дастгоҳҳои дуредгарии дигар устоён иҷро менамуд. Дертар бо маслиҳати устои чӯбкор Ғафурҷон Йулдошев ӯ аз бонк кредит гирифта, таҷҳизоти заруриро харид. Аз маҳаллаи Майдон ба маҳаллаи Қалъаи Поён кӯчид. Бо аҳли хонавода дар он ҷо манзилу макон ва ҳам коргоҳи чӯбкорӣ сохта, фаъолияти соҳибкориро ба роҳ монд. Дар даромадгоҳи он чашм ба шиори тариқати нақшбандия «Дил ба ёру даст ба кор» меафтад, ки онро ҳангоми сафар аз Бухоро оварда, ба тахта кандакорӣ кардааст.

Аз байн чанде гузашта, кори Анварҷон пешрав шуд ва дастгоҳу асбобҳои замонавӣ харида, онҳоро ба кор андохту доираи фаъолияти худро васеътар намуд.

Ҳоло ӯ дар ин коргоҳ навъҳои гуногуни ҷевон барои хона, ошхона, либосовезак, дару тирезаҳо, хонтахта, зинапояҳои хушсифат истеҳсол менамояд. Илова бар ин, фармоишҳои ҷудогонаи мардумро иҷро мекунад. Сокинони деҳаи Варзик, инчунин, мардуми дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Наманган, Фарғона ва ҳатто Тошканд харидорони асосии маҳсулоти коргоҳи ӯ мебошанд.

Анҷарҷон дар идомаи суҳбат таъкид кард, ки аллакай ба берун аз мамлакат низ маҳсулот содир мекунанд. Чанде пеш худи ӯ ба шаҳри Исфараи Тоҷикистон рафта, дар чанд биноҳои ин шаҳр дару тирезаҳои истеҳсолкардаашонро насб кардааст. Зикр кард, ки ҳоло дар корхона 6 нафар бо кор таъмин гардидаанд ва аз онҳо 3 нафарашон бонувон ҳастанд.

Вақте дар ин бора гуфт, аз нигоҳам ҳайратамро пай бурда, изофа кард, ки бонувон асосан бо рангмолию сайқалдиҳии маснуот машғуланд. Вақте дар бораи нақшаҳои коргоҳ пурсидам, Анварҷон Амонов гуфт:

– Мехоҳам доираи фаъолияти коргоҳро васеътар намуда, шумораи кормандонро ба 10 нафар расонам. Ғайр аз ин, тавсеаи ҷуғрофияи хидматрасонӣ низ дар назар аст.

Вақте ӯ дар бораи дурнамои фаъолият бо боварӣ ва меҳр ҳарф мезад, нафаре занг зад. Анварҷон пас аз суҳбати кӯтоҳ, «хуб, ҳозир мебелро бурда, насб мекунем» гуфт ва узр хоста коргаронро фармуд, то ҳарчӣ зудтар мебелро омода кунанд, ки мизоҷ онҳоро интизор аст. Ин ҳамаро мушоҳида карда, ба худ гуфтам, ки нони соҳибкориро низ хӯрдан осон набудааст.

**Ш.МИРЗОЕВ,**
**деҳаи Варзики ноҳияи Чусти вилояти Намангон.**

***Дар маркази маҳаллаи Деҳқонободи ноҳияи Ургут китобхонаи оммавии аз ҷониби мураббии хизматнишондодаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, директори Агентии ахбори миллӣ (ӮзА), нависанда, шоир ва журналист Абдусаид Кӯчимов бунёд гардида, ба истифодабарӣ супурда шуд .***

# КИТОБХОНАИ АДИБ

Дар маросими ифтитоҳи мутантани қасри хушсохту замонавии фарҳангӣ ҷонишини ҳокими вилоят Ҳусан Тухтаев, ректори Донишгоҳи давлатии Самарқанд, сенатор Рустам Холмуродов, сармуҳаррири рӯзномаи «Халқ сўзи» Ӯткур Раҳмат, доктори фанҳои педагогӣ, профессор Қозоқбой Юлдошев ва дигарон таъкид намуданд, ки китобхона барои соҳиби илму маърифат шудани мардуми деҳот, хосатан насли наврас аҳамияти бузург дорад.

– Абдусаид Кӯчимов на танҳо журналист ва адиби соҳибэҳтиром аст, балки шахси хайрхоҳу нексиришт, маърифатпарвар низ ҳаст, – гуфт ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагони Ҷумҳурии Ӯзбекистон Минҳоҷиддин Ҳоҷиматов. – Дар зодгоҳаш таъсис додани китобхонаи оммавӣ далели радногазири ин гуфтаҳост.

– Дар ноҳияи Ургут шоирону нависандагони машҳур чун Барот Бойқобилов, Асад Дилмуродов, Абдусаид Кӯчимов, Карим Баҳриев, Маматқул Ҳазратқулов, Абдувалӣ Қутбиддин, Дилором Исмоилова ва даҳҳо нафар дигар таваллуд шуда, дар пешрафти адабиёти муосир саҳми арзанда гузоштаанд ва мегузоранд, – гуфт роҳбари шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ Тошпӯлод Тугалов.

– Бовар дорем, ки мардуми маҳаллаи Деҳқонобод ва умуман ноҳияи Ургут аз ин китобхонаи оммавӣ баҳраманд мешаванд.

Воқеан, Абдусаид Кӯчимов инсони хоксор, дилёбу дарёдил ва байналмилали ҳақиқӣ аст. Мо бо ӯ ошноӣ дорем. Ҳар гоҳе вохӯрем, албатта доир ба матбуоти даврӣ, хосатан рӯзномаи «Овози тоҷик» низ мубодилаи афкор мекунем.

Умед дорем, ки шахсони тадбиркору сарватманд аз устод Абдусаид Кӯчимов ибрат гирифта, дар деҳот, гузару маҳаллаҳо барои бунёди чунин қасрҳои маърифат саҳм мегиранд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**